# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба рисолаи илмии Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Дар шароити ҷаҳонишавии бошитоб кишварҳои абарқудрат кушиш мекунанд, то кишварҳои ҷаҳони сеюм нусхабардори фарҳанги онҳо бошанд. Бинобар ин, нишон додани чеҳраи аслии фарҳанги худдӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як муҳаққиқи соҳаи фалсафа ба шумор меравад. Зеро худшиносии миллӣ поя бар омӯзиши андешаҳои фалсафии гузаштагон дорад. Танҳо тавассути андешаҳои фалсафии гузаштагонамон имкони он вуҷуд дорад, ки халои дар тафаккури ҷавонон мавуҷудбударо пур намуд. Дар сурати акс ин холигии фарҳангӣ аз ҷониби фарҳанги бегона пур гардида, охирон ҷойгузини фарҳанги миллӣ мегардад.

Инчунин дар шароите, ки Ғарб тавассути баровардани ниёзҳои моддии кишварҳои аз лиҳози моддӣ ниёзманд ҳарзамон кушиш дорад, ки дар қолабҳои демократия ва озодӣ андеша ва ахлоқи худро ба ин кишварҳо интиқол диҳад, зарурат ба омӯзиши андешаҳои ахлоқии гузаштагон, чун ба сипари боэътимод дар баробари андешаҳои бегона, дучанд меафзояд. Зеро гузаштагони донишманди мо дар натиҷаи омӯзиш ва синтези фарҳангҳои гуногун онҳоро бо тафаккури миллӣ мувофиқ гардондаанд, ки дар ҳар замоне қиммати амалии худро аз даст намедиҳанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи илмии Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, ки ба таҳлили фалсафаи амалии яке аз мутафаккирони тоҷику форс Қутбиддини Шерозӣ бахшида шудааст, меафзояд.

Аҳамияти амалии рисолаи мазкур дар он аст, ки дар он асосан ахлоқ ва оила, ки муҳимтарин рукнҳои ҷомеа дар ҳар давру замон ба ҳисоб мераванд мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зеро дар Ғарб ахлоқ ва оила, ки пойдории ҷомеа бар онҳо асос дорад, арзиши амалии худро аз даст додаанд. Аммо ин омил дар ҳоли интиқолёбӣ аз Ғарб ба Шарқ аст. Зеро аз як ҷиҳат агар сабаби ҳаракати он дар ниёзмандии моддии Шарқи исломӣ аз Ғарб бошад, аз тарафи дигар ҳамаи воситаҳои ахбор ва Интернет дар дасти мардуми Ғарб аст ва ин сабабҳо заминаро барои интиқоли ахлоқ ва андешаи ғарбӣ ба ҷомеаҳои мо омода месозанд. Бинобар ин, роҳи ягонаи мо фарҳанги гузаштаро бо замони муосир ҳамнаво кардан ва аз он дар баробари фарҳанги бегона сипари боэътимоде сохтан аст.

Дар муқаддимаи рисола тибқи муқаррароти расмӣ мубрамияти мавзуъ асоснок карда шудааст, ки мо бо он комилан розием. Дараҷаи омӯзиши назариявии мавзуъ ва манбаи сарчашмашиносии он ба талаботи меъёрӣ мувофиқат мекунад.

Рисола аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар боби аввал, «Манбаъҳои ташаккули фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» масъалаҳои мақоми фалсафаи амалӣ дар сохтори донишҳои фалсафӣ; ҳаёт, фаъолият ва мероси фалсафии Қутбиддини Шерозӣ; асосҳои таърихии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Диссертант масъалаҳои фалсафаи амалиро дорои таърихи тӯлонӣ дониста, сарчашмаи онҳоро ба ҷараёнҳои фикрии хирадгароёна ва мактабҳои фикрии пешазисломии мардумони ориёитабор мерасонад.

Дар боби мазкур муаллиф оид ба ҳаёту фаъолият ва муҳити фарҳангию ичтимоии Қутбиддини Шеърозӣ маълумоти муфассал дода, робитаи таълимоти ӯро бо мактабҳои илмию фалсафии гузашта нишон медиҳад.

Боби дуюми рисола «Масъалаҳои ахлоқӣ дар фалсафаи Қутбиддин Шерозӣ» ба таҳлилу баррасии масъалаи ахлоқ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ бахшида шудааст.

Маълум аст, ки инсон мавҷуди ахлоқӣ буда, адами ахлоқ онро ба суи олами ҳайвонӣ мебарад. Вобаста ба ҳамин осори ҳамаи донишмандони гузашта бештар дар худ хусусияти ахлоқӣ доранд.

Ҳарчанд аслҳои асосии ахлоқӣ дар тамоми давраҳои таърихӣ иваз намешаванд, аммо ҳар замоне хусусиятҳои хоси худро дорад, аз ин рӯ, таълимоти гузаштагонро бояд дар қолаби ҷадид тарҳрезӣ намуда, ба насли нав пешниҳод кард. Вазифаи муҳаққиқи соҳаи таърихи фалсафа низ аз ҳамин иборат аст. Муаллифи рисола низ ин рисолати худро чун муҳаққиқ дарк намуда, кӯшиш намудааст, ки ҳангоми таҳлилу баррасии таълимоти мутафаккири мавриди назар ба он аз нигоҳи замони муосир баҳо диҳад. Бинобар ин, дар ин маврид чунин андешаи илман асоснокро баён медорад, ки комилан бо он мувофиқем: «Бо дарназардошти организми зинда будани ҷомеаи инсонӣ ва пайваста дар ҳоли таҳаввулу дигаргуншавӣ қарор доштани он, арзишҳои ахлоқӣ низ хусусияти дараҷавӣ касб менамоянд. Махсусан, дар замони муосир, инсон ба падидаву ҳодиса ва раванди азхуднамоии ҷаҳон бо назари нав нигариста, меъёр ва ченаки муносибатҳои худро тобиши маъноӣ додааст. Ин раванд ба ахлоқ ва муносибатҳои ҷамъиятии инсони муосир бетаъсир нахоҳад монд. Ҷиҳати дарки мухтаво ва хусусияти ахлоқи асрӣ зарур аст, ки моҳияти раванди глобализатсионӣ ва тағйиротҳои иҷтимоӣ дарк карда шаванд» (саҳ.106). Муаллиф дар ин боб мафҳуми ахлоқро ба таври мухтасар дар сайри таърихии он аз осори андешаи мардуми ориёитабор, аз ҷумла, аз китоби Авасто сар карда, то андешаҳои мардуми Ҳинду Чину Юнон дида мебарояд.

Дар боби мазкур муаллиф масаълаи модарзодӣ ё таълимӣ будани ахлоқро аз нигоҳи Қутбиддини Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки ахлоқ аз дидгоҳи мутафаккири мазкур таълимӣ ва тағйирпазир аст, на ирсиву модарзодӣ. Инчунин муаллифи рисола қайд

мекунад, ки ахлоқ аз нигоҳи мутафаккири мавриди назар, танҳо дониши назариявӣ набуда, балки ба танзимоварандаи муносибатҳои иҷтимоист.

Боби сеюми диссертатсия – «Фалсафаи манзилдории Қутбиддин Шерозӣ» номгузорӣ шуда, чи аз ҷиҳати назарӣ ва чи амалӣ ба талаботи замони муосир мувофиқ, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки дар замони интиқоли ахлоқу фарҳанги ғарбӣ чунин андешаҳои мутафаккирони миллӣ, дар таҳлилу баррасиҳои наву бо замони муосир мутобиқ, дар сарҳади фарҳанги миллӣ бояд чун садди устувору мустаҳкаме бошанд, то фарҳанги бегона онро убур накунад. Маълум аст, ки дар Ғарб оила чун институти иҷтимоӣ дар ҳоли аз байн рафтан аст ва ба чунин хатар дучор гардидани ҷомеаи мо низ аз эҳтимол дур нест. Роҳи ягонаи раҳоӣ аз чунин амали ғайри қобили қабул ин таҳлили таълимоти гузаштагон дар қолаби нав мебошад, ки муаллифи рисолаи мазкур муваффақ ба анҷоми он шудааст.

Боби чоруми диссертатсия ба баррасии масъалаҳои сиёсӣ аз нигоҳи Қутбиддини Шерозӣ бахшида шуда, муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки «аз таълимоти мутафаккир бармеояд, ки «сиёсат» ҳам илм ва ҳам санъати зарuриест, ки ба таъмини низоми иҷтимоӣ ва пешрафти ҳаёти дастаҷамъонаи одамон равона мегардад». Дар боби мазкур масъалаҳои: мафҳум ва мазмуни «сиёсат», сохти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа, идораи давлат ва ҷомеа аз нигоҳи Қутбиддини Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳалли мувафақонаи худро пайдо намудаанд.

Аммо дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ вуҷуд доранд, ки ба онҳо пеш аз ҳама дохил мешаванд:

1. Таҳлили чунин масъалаи асосӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ аз мадди назари муаллиф дур мемонад, ки ахлоқ аз нигоҳи мутафаккир падидаи субъективӣ аст, ё объективӣ. Он зери омилҳои дохилӣ шакл мегирад, ё берунӣ?

2. Баъзан аз тарафи диссертант ҷумлаҳои номафҳум дар рисола роҳ дода мешаванд, масалан: «ахлоқ, сарфи назар аз хосиятҳои фарққунан-

даи худ, чун дигар илмҳо донишро ба вуҷуд меорад» (саҳ. 113). Нахуст ин ки «дониш» муродифи тоҷикии калимаи «илм»-и арабӣ ба ҳисоб меравад. Дуввум, агар донишро чун муродифи калимаи русии «знание» истифода барему илмро чун «наука», дар ин маврид илм ҳосили дониш мешавад, на дониш ҳосили илм.

3. Дар бисёр маврид диссертант кушиш мекунад, ки таълимоти ахлоқии Қутбиддини Шерозиро бо таълимоти донишмандони ғарбӣ мувофиқ кунад ва аз нуқтаи назари онҳо таълимоти ин донишманди шарқиро баррасӣ намояд. Аммо дар асл, байни таълимоти донишмандони шарқӣ ва намояндагони фарҳанги Ғарб, махсусан донишмандони баъди асрҳои миёна, тафовути ҷиддие вуҷуд дорад. Зеро ахлоқ аз назари донишмандони Шарқ падидаи субъективӣ буда, нишонгари озодии ботинии фард мебошад, озодии ақл аз шаҳвату ғазаб. Дар Ғарб бошад, баръакс, ба ин хусусияти ахлоқ таваҷҷӯҳ камтар аст.

4. Ба андешаи мо зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия – «Масъалаи тағйирпазир ва фитрӣ будани ахлоқ» агар ба чунин тарз номгузорӣ мешуд мувофиқтар мебуд «Масъалаи таълимпазирӣ (муктасиб) ва фитрӣ будани ахлоқ».

Аммо ин камбудиҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон  аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи фалсафа**
**ва сиёсатшиносии**
**ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода** Ш.Х. Карамхудоева

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 16/7, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, тел. (992) 93-713-03-72
E-mail: shukratk@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Ш.Х. Карамхудоевро тасдиқ менамоям.

**Сардори ШК ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода** Юсупова Б.Ғ.